Худованд аз бандае, ки чун таом хурд Худоро ҳамд гӯяд, ё об нӯшад Худоро ҳамд (Алҳамду лиллоҳ) гӯяд, розӣ мешавад

Аз Анас ибни Молик (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки гуфт: Расули Худо (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуданд: "Худованд аз бандае, ки чун таом хурд Худоро ҳамд гӯяд, ё об нӯшад Худоро ҳамд (Алҳамду лиллоҳ) гӯяд, розӣ мешавад".

[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) баён медорад, ки ҳамду ситоиши банда аз Парвардигораш барои фазлу неъматҳо аз умурест, ки сабаби касби ризояти Аллоҳ мегардад, ба ин гуна, ки чун таомро мехурад мегӯяд: Алҳамду лиллоҳ ва чун менӯшад мегӯяд: Алҳамду лиллоҳ.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/5798